*Ба Шӯрои диссертатсионии 6 Д. КОА-004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ17)*

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х. ба ба кори диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

**1.Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот**.

Дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ - сиёсӣ, идеология, илм, санъат, ҳуқуқ, муносибатҳои миллӣ, оилавӣ ва байни одамон мо бо мушкилоти татбиқи адолати иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мегардем. Яке аз мушкилоти маркази назарияи иқтисодӣ ва танзими давлатии иқтисоди миллӣ ин ҷустуҷӯи шароит барои нигоҳ доштани тавозуни дуруст байни талаботи моҳиятан ба ҳам мухолифи самаранокии иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва масъулияти иҷтимоии субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Асосноккунии илмии ин муаммо ҷустуҷӯи роҳҳои татбиқи он вазифаи таъхирнопазири назарияи иқтисодӣ мебошад, ки ҳангоми гузариши иқтисоди Тоҷикистон ба низоми бозорӣ шадидтар гардид.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ вазифаи муҳимми стратегии иқтисоди миллӣ баланд бардоштани суръат ва беҳтар намудани сифати рушди иқтисодӣ мебошад. Дар байни бисёр омилҳои муайянкунандаи шароит ва имкониятҳои рушди иқтисодӣ омилҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Таъсири онҳо дар ташаккули нишондиҳандаҳои арзишии фаъолияти системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилотҳо дар сатҳҳои гуногун, дар давраи ислоҳот, аксаран мақоми дуюмдараҷаро касб намуда, бо меъёрҳои ҷаҳонии муносибати ҷомеа ва тиҷорат, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии суъъектҳои иқтисодӣ ҳамчун асоси рушди босуботи иқтисодиёт, мухолифат менамояд. Дар айни замон, яке сабабҳои асосии монеаҳо ҷиҳати гузариши иқтисодиёти ватанӣ ба роҳи бозории муосир ва рушди иқтисодӣ камаҳммиятдиҳӣ ба нақши афзояндаи омилҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти кишвар, сармоягузориҳои маҳдуд дар рушди инсон ва ба назаррасии дегуманизатсияи (дегуманизация-аз даст додани арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа) соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, масъалаҳои гузоштташударо муаллиф бо истифодаи равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш ҳал намуда, ин имконият медиҳад, ки

коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳо ва механизмҳои татбиқи шарикии иҷтимоӣ рӯи кор ояд.

Аз ин лиҳоз, тадқиқоти мазкур, ки ба ҳалли муаммоҳои муҳимми илмӣ дар самти дарёфти роҳҳову механизмҳои татбиқ ва такмили заминаҳои институсионалии шарикии иҷтимоӣ дар тамоми субъектҳои хоҷагидори мамлакат бахшида шудааст, муҳиммияти баланди илмӣ дорад.

2.**Дараҷаи асоснокӣ ва мутаъмад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.**

Аз таҳлили кори диссертатсионӣ бармеояд, ки ҳадафи диссертатсияи мазкур коркарди консепсияи рушди асосҳои институтсионалии ташаккули шарикии иҷтимоӣ ҳамчун самти калидии рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Барои ба ҳадаф расидан, унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд.

Вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот мавзӯъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Объекти таҳқиқот** институтҳои иҷтимоиву иқтисодӣ (асосҳои институтсионалӣ), ки ташаккул ва фаъолияти институтҳои шарикии иҷтимоиро дар низоми иқтисодии мамлакат таъмин менамояд, маҳсуб меёбад.

**Мавзӯи таҳқиқот** инсититути масъулияти иҷтимоӣ мебошад, ки муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ташкилиро дар раванди алоқаҳои тара-файни меҳнату сармоя, кормандон, кордеҳон ва ҳокимияти давлатиро дарбар гирифтааст.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** осори классикони назарияи иқтисодӣ, муқаррароти бунёдии онҳо дар бораи қонунҳои рушди ҷомеа, назарияҳои муосири аграрӣ ва иқтисодӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ оид ба асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ ташкил намудаанд.

Заминаи иттилоотии тадқиқоти илмиро фармонҳо ва Паёмҳои Аососгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, захираҳои интернетӣ, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт ва ғайра ташкил додаанд.

Ҳангоми таҳқиқот мавриди коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо муаллиф аз методҳои таҳлили иқтисодӣ, таҳлили корреляционӣ, қаторҳои динамикӣ, монографӣ, пешгӯии равандҳои иқтисодӣ ва дигар усулҳои анъанавии коркарди маълумоти иқтисодӣ истифода намудааст.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ. Зербандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва рушди он: принсипҳо, тамоюлҳо ва хусусиятҳо; қонуниятҳои таҳавуллоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; гуманизатсияи рушди иқтисодӣ; 1.2. Алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4.Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва таҳавуллотӣ: назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ рост меоянд.

3. **Саҳеҳӣ ва дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки дар диссертасия зикр гардидаанд.**

Дар диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба ҳайси навгониҳои илмӣ муаррифӣ гаштаанд, ки ба коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ дар шароити бозор мусоидат менамоянд.

Муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва таҳқиқоти олимони иқтисодчӣ номгӯи истилоҳоти мавҷуда оид ба шарикии иҷтимоиро гурӯҳбандӣ намуда, мафҳуми шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодиро пешниҳод намудааст, ки хусусияти рушди онро инъикос карда метавонад.

Дар диссертастсия чунин элементҳои навгонии илмӣ аз тарафи муаллиф хело хуб пешниҳод гардидаанд:

- моҳияти мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ” ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро доир ба муҳиммияти муносибатҳои меҳнативу иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар низоми муносибати молумулкӣ ва мубодилоти манфиатҳои иҷтимоию моддӣ ифода намуда, раванди гуманизатсияи истеҳсолотро фаъол мегардонад, муайян карда шудааст;

- сохтор ва робитаи мутақобилаи институтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ муайян гардида, алоқамандии робитаҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ ва сармояи иҷтимоӣ муқаррар карда шуданд;

- нақш ва ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар рушди тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ, аз байн бурдани тазод миёни сармоя ва меҳнат, хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шуда, сабабҳои ба миён омадани зиддиятҳои функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо аз нуқтаи назари рафтори институтсионалӣ шарҳ дода шудааст;

- асосҳои методологӣ ва методикаи арзёбии сифативу миқдории таъсири сатҳи инкишофи шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ таҳия гардида, вобастагии мустақими сиёсати иҷтимоии давлат ва шарикии иҷтимоӣ муайян карда шудааст;

- муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳия гардида, принсипҳои методии ташкили системаҳои идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти иҷтимоии фаъолияти субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт пешниҳод гардиданд; шакли ягонаи системаҳои ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ ва тарзу услуби асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

- муаяйн намудани моҳияти мафҳуми "шарикии иҷтимоӣ" на танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, балки ҳамчун институте (ниҳод), ки ташаккули рафтори (поведение) ратсионалии агентҳои иқтисодӣ ва боло рафтани сифатҳои гумманизатсияи истеҳсолотро мусоидат менамояд;

- муқаррар намудани сохтор ва робитаи мутақобилаи институтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ ва гуманизатсияи истеҳсолот, тавсифи алоқамандии институтсионалии рушди иқтисодӣ, шарикии иҷтимоӣ ва сармояи иҷтимоӣ;

- асоснок намудани пешниҳод оид ба истифодаи равишҳои институтсионалӣ ба сифати асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ, ки аз вобастагии тарафи иҷтимоиву технологии раванди истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеояд;

- дар пояи назарияи рафтори институтсионалӣ муайян намудани хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ ва таҳлили сабабҳои ба миён омадани зиддиятҳои функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо;

- асоснок намудани асосҳои методологӣ ва методиии арзёбии таъсири сатҳи инкишофи шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ, ва муайян намудани омилҳое, ки вобастагии

иҷтимоии ташаккулдиҳандаи рушди иқтисодиро муайян намуда, бо системаи ҳадафҳои дарозмуддати рушди он алоқаманд аст;

- муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳия гардида, принсипҳои методии ташкили системаҳои идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти иҷтимоии фаъолияти субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт пешниҳод гардиданд;

- асоснок намудани пешниҳод оид ба шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ (таҳияи базаи методологии муқоисаи саҳми корхонаҳо дар рушди ҷомеа; кор карда баромадани шакли ягонаи системаҳои ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ; асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ) ва ғ.

**Ҳадафи таҳқиқот. Ҳадафи асосии таҳқиқи диссертатсионӣ** дар коркарди консепсияи рушди асосҳои институтсионалии ташаккули шарикии иҷтимоӣ ҳамчун самти калидии рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертасия**

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз дастовардҳои илмӣ ва нашрияҳои олимони ватанию хориҷӣ дар самти назарияи иқтисодӣ, иқтисоди сиёсии меҳнат, назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва шарикии иҷтимоӣ иборатанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо имконияти истифодаи хулосаҳои мухтасар ва пешниҳодҳо барои мукаммал намудани сохтори институтсионалӣ ва ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи мақомотҳои давлатӣ, иттифоқҳои касаба, корфармоён дар сатҳҳои гуногун дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо саҳеҳии матлабҳои асосии пажуҳиш амиқ ворид гардида, самтҳои фаъол, хулоса ва тавсияҳо дар доираи таҳқиқотҳои фундаменталӣ ва назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ сурат гирифта, дорои омӯзиши муаммоҳои асосҳои институтсионалӣ ва ташаккул, рушд ва истифодаи самаранокии институти шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои хоҷагидори иқтисоди миллии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

**5.Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Методҳо ва қоидаҳои дар таҳқиқи диссертатсионӣ таҳиягардида мумкин аст аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо, кормандони дастгоҳи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои иттифоқҳои касаба

ҳангоми омода намудани лоиҳаи институтсионалӣ ва татбиқи низоми шарикии иҷтимоӣ истифода карда шаванд.

**Саҳми шахсии довталаб**. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст ба монанди: таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузоштташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар таҳқиқи асосҳои институсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ ва арзёбии сатҳи таъсири он ба рушди иқтисодӣ ва гуманизатсияи фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ ва такмилдиҳии асосҳои консептуалӣ оид ба тартиб додани шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, 3 боб, хулоса ва пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 183 саҳифаи чопӣ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 115 сарчашмаро дарбар мегирад, ки муаллифонашон муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба шумор меравнд.

**Дар муқаддима** интихоби мавзӯи таҳқиқот, мувофиқати он асоснок карда шуда, мақсад, вазифа ва навигарии илмии диссертатсия асоснок карда шудааст. Асосҳои илмӣ ва назариявии таҳқиқот нишон дода шудаанд, аҳамияти амалии он муайян карда шудааст.

**Дар боби якум** "Асосҳои назариявӣ ва методологии муносибати институтсионалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар низоми иқтисодиёт", моҳияти иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва институти танзимгари муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, механизми гуманизатцияи фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ карда шуда, ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар сохтори ниҳодии (институтсионалии) рушди иқтисодиёт муайян карда шудаанд.

Ҷойгоҳи муҳим дар диссертатсия ба ошкор намудани моҳияти шарикии иҷтимоӣ бахшида шудааст, ки дар он нуқтаи назари илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба ин масъала оварда шудаанд.

Дар таҳқиқот нишон дод шудааст, ки аксари нуқтаҳои илмӣ ба ҳамдигар монанданд ва дар аксари корҳои илмӣ шарикии иҷтимоӣ ҳамчун элементи соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва қисмати муҳимми элементи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ баррасӣ карда мешавад (с.14-27)

Исбот карда шудааст, ки бисёре аз олимон, муҳаққиқон ва ҳатто соҳибкорон дар кишварҳои мухталиф, ки ин масъаларо таҳқиқ намудаанд, кӯшиш намудаанд, ки роҳҳои рушди шарикии иҷтимоиро пайдо кунанд. Амалия нишон медиҳад, ки рафтори ягона ба мафҳуми масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ вуҷуд надорад. Ҳар гуна

мафҳумҳои мантиқӣ, сатҳ, шакли ифода, нишондод ва таснифоти масъулияти иҷтимоиро во хӯрдан мумкин аст. Зеро дар раванди ташаккули масъулияти иҷтимоии корхонаҳо омилҳои гуногунҷабҳаи дорои хусусиятҳои чӣ мусбӣ ва чӣ манфӣ таъсир мерасонанд.

Аз нуқтаи назари муносибати илмӣ-назариявӣ ба омӯзиши масъалаи баррасишаванда, дар рисолаи диссертатсионӣ дар шарҳи моҳияти категорияҳои масъулияти иҷтимоӣ назарҳои гуногун мавҷуд аст, ки баъзан муайянкунии дақиқи моҳияти категорияи мазкурро надорад. Бисёр муҳаққиқон танҳо категорияи умумии масъулиятро баррасӣ менамояд, ки татбиқи он тавассути виҷдони шахс сурат мегирад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки ҳалли мушкилоти адолати иҷтимоӣ тавассути навсозии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ шарти ҳалкунандаи муваффақияти ислоҳоти минбаъда мегардад. Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари муносибати ҳам объектӣ ва ҳам протсессӣ муҳтавои шарикии иҷтимоӣ, муносибатҳои молумулкӣ ва манфиатҳои бавуҷудоварандаи онҳо омилҳои базавӣ ба шумор мераванд, ки таъсири шарикии иҷтимоиро ба рушди иқтисодиёти минтақа муайян менамоянд (27-43).

Дар рисола арзёбиҳо ва муқаррароти асосӣ тақсимбандӣ карда шуда, як дастгоҳи пурқудрати илмии марбут ба мушкилоти мавриди омӯзиш ва умумигардонии мафҳумҳои моҳияти шарикии иҷтимоӣ, ки дар адабиёти муосири илмӣ дода шудаанд, асоснок карда шудааст ва бо назардошти хусусиятҳои назариявии масъалаи таҳқиқшаванда дастгоҳи илмии худи муаллиф пешниҳод карда шудааст.

Зарур мешуморем қайд кунем, ки таҳияҳо ва пешниҳодҳои такмилёфтаи дастгоҳи консептуалӣ шоистаи кори иҷрошуда ва нуфузи олими ҷавонро ба таври назаррас баланд мебардоранд.

Дар рисола аз тарафи муаллиф барои ҷамъбаст намудани ҷойгоҳи шарикии ичтимоӣ асарҳои бисёр олимони хориҷӣ мутоила гардида, дар самти муайян намудани ҷойгоҳи шарикии ичтимоӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Аммо нуқтаи назари муаллифи рисола дар самти муайян намудани ҷойгоҳи шарикии ичтимоӣ баён карда нашудааст.

**Дар боби дуввум** "Ҳолати муосири рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ба масъалаҳои заминаҳои ташаккул ва рушди институтҳои шарикии иҷтимоӣ, тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ ва шарикии иҷтимоӣ бахшида шуда, арзёбии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми идоракунии рушди самаранокии субъектҳои хоҷагидор гузаронида шудааст.

Дар зербоб 2.1. заминаҳои ташаккул ва рушди институтҳои шарикии иҷтимоӣ ба қадри кофӣ таҳлил шудаанд.

Тавсиф дар заминаи вазни қиёсии корхонаҳо, аҳолии машғулин аз рӯи шаклҳои моликият, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ гузаронида шуда, тақсимоти корхонаю ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ гузаронида шудааст ва сабабҳои фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ ошкор карда шудаанд.

Дар диссертатсия равандҳои ташаккули заминаҳои институтсионалӣ ва механизми шарикии иҷтимоӣ, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ сурат гирифта аст, мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаллиф асоснок намудааст, ки низоми иқтисоди бозорӣ ва афзудани шумораи корхонаҳои моликияташон гуногун заминаи ташаккул ва зарурати рушди шарикии иҷтимоиро боис гардидааст. Раванди ғайридавлатикунонии моликият ва хусусигардониро дар диссертатсия васеъ ва пурра таҳлил карда шудааст. (с.63-71)

Тибқи ақидаи муаллиф дар шароити иқтисоди бозорӣ шарикии иҷтимоӣ ягона институте мебошад, ки зиддиятҳои иқтисодиву иҷтимоиро ҳал намуда, сатҳи истисмори коргарони кирояро паст менамояд. Дар натиҷаи таҳлили васеъи шарикии иҷтимои муайян карда шудааст, ки фаъолияти ин институт дар иқтисодиёти мамлакат солҳои охир назаррас гардида истодааст. Хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон солҳои охир ба маротиб афзуда, вазни қиёсии он дар маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ дар ин давра то 31 фоиз, зиёд гардидааст.(с.80-91)

Дар диссертатсия муайян гардидааст, ки шароитҳои муҳимми шарикии иҷтимоӣ бештар дар корхонаҳои калони иқтисодиёт татбиқ мегардад. Аммо, бинобар кам будани шумораи ширкатҳои калони иқтисодӣ дар иқтисодиёти мамлакат, фаъолияти институтҳои шарикии иҷтимоӣ заиф аст. Дар корхонаҳои хурд бошад, раванди амалигардонии шарикии иҷтимоӣ ба сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ нест. (с 100-104)

**Дар боби сеюм** «Такмили асосҳои консептуаливу институсионалии самтҳои рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодиёти мамлакат, масъалаҳои такмили принсипҳо ва механизмҳои арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ ва самтҳои асосии баланд бардоштани он дар субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт асоснок гардидааст (С.122-170).

Дар ин боби диссертатсия, асосҳои консептуалӣ ва тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ асоснок гардидааст (с 122-131). Муаллиф бахусус ба нақшу муҳиммияти таҳия ва татбиқи сармоягузориҳои иҷтимоӣ дар татбиқи шарикии иҷтимоӣ ва

масъулияти иҷтимоии корхонаҳо таваҷҷӯҳи хосса додааст. Дар робита ба ин, консепсияи механизми ташкилӣ-иқтисодии сармоягузориҳои иҷтимоиро пешниҳод намудааст. (с.139-140).

Дар ин боби диссертатсия самтҳои асосии баланд бардоштани сатҳи шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши соҳибкории иқтисодиёт асоснок гардида аст. Муаллиф асоснок намудааст, ки дар замони муосир, пайваста бо баланд гардидани нақш ва ҷойгоҳи сармояи инсонӣ дар рушди устувори иқтисодӣ, шарикии иҷтимоӣ ба низоми мураккаб табдил ёфтааст. Бинобар он, сохтори мукаммалу бо ҳам алоқаманди низоми мураккаби шарикии иҷтимоӣ дар шакли схемавӣ пешниҳод шудааст. Алоқмандӣ ва рушди устувори онҳо ҳамчун як низоми устувор, ки дар пояи сохтори инситутсионалӣ сурат мегирад, бинобар он, самтҳои такмили механизмҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтиморо пшниҳод намудааст. (с.144-154)

Шиносоии ҳамаҷониба бо кори баррасишавандаи диссертатсионӣ камбудиҳо ва норасоиҳои муайянеро ошкор кард, ки асосан онҳо инҳоянд:

1.Саволи гузошташуда хеле муфассал матраҳ шудааст, аммо дар баъзе саҳифаҳо матни зербоб хусусияти тарҷумавӣ касб кардааст.

2.Зербоби 1.1. ба моҳияти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва институти танзимгари муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бахшида шудааст. Аммо ба муаллиф муяссар нашудааст, ки пурра моҳияти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ кушода натавонистааст. Нуқтаи назари муаллиф оид ба ин масъала оварда нашудааст.

3. Баъзе ҷадвалҳо ва нақшаҳои дар диссертатсия овардашуда бе нишон додани сарчашмаи маълумот оварда шудаанд. Масалан, ҷадвалҳои 1.1., 1.2, 2.1., 2.7. нақшаҳои 4,5, 6 ва ғайра.

4. Дар зербоби 2.3. шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми идоракунии рушди самаранокии субъектҳои хоҷагидор баҳогузорӣ шудааст. Аммо хуб мешуд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ самаранокии иқтисодии шарикии иҷтимоӣ муайян карда мешуд.

5. Дар диссертантсия нақши лоиҳаҳои сармоягузориҳои иҷтимоӣ дар таъмини рушди шарикии иҷтимоӣ муайян карда шудааст. Хуб мешуд муалиф сатҳи татбиқи ин лоиҳаҳо ба пуррагӣ таҳлил менамуд .

6. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ, техникии иқтибосоварӣ ва ороиши ҷадвалу расмҳо дучор мегарданд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

Дар маҷмӯъ таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳимму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ дороcт.

Автореферат ва интишороти муаллиф мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешавад ҷой гирифтааст.

Дар маҷмӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи «Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст, дорои хислату мазмуни илмию амалии навгонидошта буда, кори илмии анҷомёфта мебошад.

Рисолаи илмии тақризшаванда аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ" мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он – Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ дода шавад.

Муқаррizи расмӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи молия ва қарз
дар КАС-и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Олимов А.Х.

**Суроға:** 734003, Донишгоҳи Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудак-146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент А.Х. Олимов - ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.А.